# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа. –Душанбе, 2025. – 166 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисолаи диссертатсионии Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи “Унвону-л-баён”-и Абдуллоҳи Шабровӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мутобиқат менамояд. Диссертатсия ба яке аз масоили мубрами таърихи афкори фалсафӣ, фалсафаи амалӣ бахшида шудааст. Аз ин ҷост, ки омӯзиши масоили ахлоқӣ дар таърихи афкори фалсафӣ, ки яке аз самтҳои муҳими тадқиқи фалсафӣ ба шумор рафта, дар бандҳои 1,2,4,6-уми шиносномаи ихтисоси илмии 09.00.03 – таърихи фалсафа барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқ.** Ислоҳоту дигаргунсозиҳои куллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити истиқлолияти давлатӣ ва рушди демократӣ бо раванди фаъоли башардӯстӣ ва эҳёи маънавию ахлоқии ҷомеа пайванди ногусастанӣ дорад. Бо назардошти ин раванд, дар ҷаҳони муосир омӯзиши афкори фалсафӣ аҳамияти махсусан калон пайдо намудааст, зеро вазифаи асосии он омухтани фарҳанги фалсафии замони гузашта мебошад, ки аз арзишҳои баланди ахлоқӣ, инсондустӣ ва умумибашарӣ бой аст. Дар робита ба ин масъала диссертант дуруст қайд менамояд, ки “дар раванди кунунии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки бо тағйироти босуръати иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва технологӣ тавсиф меёбад, масъалаи ташаккули ахлоқи ҷавонон ба яке аз самтҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ табдил ёфтааст”. (саҳ.3.дисс)

Аҳамияти омӯзиши афкори ахлоқӣ дар таърихи фалсафа ба зарурати дарки рушди афкори ахлоқӣ, таъсири он ба ахлоқу арзишҳои муосир вобаста аст. Таҳқиқу баррасии он барои таҳлили равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, инчунин барои аз ҷиҳати ахлоқӣ ва маънавӣ асоснок кардани кирдорҳои мо аҳамияти калон дорад.

Ба андешаи диссертант “дар баробари осору афкори мутафаккирони форсу точик дар бахши ахлоқ, зарурати таҳқиқи осори ахлоқии намояндагони дигар миллатхо, ки бо роҳҳои гуногун ба ахлоки назарӣ ва амалии миллати мо таъсир расонидаанд, ба вуҷуд омадааст”. (саҳ.4.дисс) Воқеан, руй овардан ба афкори ахлоқии мутафаккироне, ки масоили ахлоқро дар маркази таълифоти худ қарор додаанд амри воқеӣ ва зарурист. Зеро ахлоқ падидаaест, ки хоси кулли инсоният буда, масоили

ахлоқӣ барои таҳкими муносибатҳои ҷамъиятӣ, рушди фарҳангии ҳамаи ҷомеаҳои инсонӣ хос аст.

Аз ин ҷиҳат, руй овардан ба мероси маънавии мутафаккирони гузашта, таҳлилу баррасии онҳо ва дар ҳаёти имрӯза татбиқ намудани андешаҳои арзишноки онҳо, аз ҷумла афкори ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ, василаи муҳимме дар самти тарбияи ахлоқӣ, ҳифз ва нигоҳдошти амалияи ахлоқи ҳамида дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон хоҳад буд.

Диссертант ба он назар аст, ки "мубрамии таҳқиқи осори Абдуллоҳи Шабровӣ, махсусан рисолаи «Унвону-л-баён», аз он бармеояд, ки осори ӯ на танҳо дар доираҳои илмии Тоҷикистон, балки дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифтааст. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур мубрам буда, таҳлилу таҳқиқи воқеъбинонаи «Унвону-л-баён» мавриди баҳси рисолаи мазкур гардидааст". (саҳ.5.дисс) Ин ва дигар масъалаҳои номбаргардида мубрамии мавзуи таҳқиқотро асоснок менамоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти мазкур, ки ба таҳлили афкори ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ яке аз чеҳраҳои шаҳири Шарқи Миёна дар охири асри XVII ва аввали асри XVIII дар ҳавзаи илмӣ-адабии Қоҳираи Миср бахшида шудааст, воқеан дар муҳити илмии Тоҷикистон кушиши нахустини муаррифии афкори фалсафӣ ва ахлоқии ин мутафаккир ба шумор меравад. Унвонҷӯ бори аввал кӯшиш ба харҷ додааст, ки рисолаи «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровиро ҳамчун дастури таълимии ахлоқ аз диди фалсафӣ таҳлилу баррасӣ намуда, ҷойгоҳи онро дар раванди тарбияи ахлоқии ҷавонон муайян намояд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии диссертант, пеш аз ҳама, аз муносибати методологии ӯ ба таҳқиқи масъалаи баррасишаванда бармеояд. Муаллифи диссертатсия дар заминаи таҳлили системавӣ афкори ахлоқии Абдуллоҳи Шабровиро ҳамчун падидаи пешбарандаи низоми ахлоқии ҷомеа ва заминаи асосии камолоти ахлоқии инсон муаррифӣ намуда, дар навбати худ афкори ахлоқии Абдуллоҳи Шабровиро бо таълимотҳои ахлоқии Арасту, Насриддини Тӯсӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Ҷалолиддини Давонӣ ҳамоҳанг ва хамрадиф мешуморад. Дидгоҳи муаллиф нисбат ба омӯзиши мавзуъ чунин аст, ки назарияҳои ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ ба назарияҳои ахлоқии Арасту ва Насриддини Тусӣ шабоҳат дорад. Бинобар ин, дар кори диссертатсионии мазкур низ дар аксар маврид таҳлилу баррасиҳо бо истифода аз методҳои маъмулии таҳқиқотии бахши таърихи афкори

фалсафӣ, дар бештари маврид аз усули таҳлили муқоисавӣ истифода шудааст.

Яке аз махсусиятҳои асосии афкори фалсафӣ ва сарчашмаи рушди афкори озодандеширо дар муҳити илмӣ-адабии Миср, бахусус дар афкори фалсафиву ахлоқии Абдуллоҳи Шабровиро муаллифи диссертатсия дар он мебинад, ки "Абдуллоҳи Шабровӣ анъанаҳои атиқаро бо таваҷҷуҳи махсус пайгирӣ намуда, дар пайравии онҳо кӯшиш кардааст, ки навгониҳоро дар илми ахлоқ то андозае ба қалам диҳад" (саҳ31.дисс).

Довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти худ таснифоти категорияҳои ахлоқӣ ва шарҳу тавзеҳи он дар рисолаи "Унвону-л-баёни"-и Абдуллоҳи Шабровӣ пешниҳод менамояд, ки тавассути он муайян намудани махсусиятҳои категорияҳои мусбат (ба андешаи диссертант, нигаред ба саҳ.63-79.дисс) ва категорияҳои манфӣ (саҳ79-91.дисс) имконпазир мегардад. Дар заминаи таснифоти мазкур муаллиф дар баррасии категорияҳо баробари шарҳу тавзеҳи онҳо дар рисолаи "Унвону-л-баён"-и Абдуллоҳи Шабровӣ, ҳамзамон андешаи мутафаккиронеро аз қабили Арасту, Насриддини Тусӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Ҷалолиддини Давониро низ дар рисола матраҳ намудааст. Таснифот ва таърифҳои пешниҳоднамудаи муаллиф барои ташаккули назарияи ахлоқшиносӣ аз манфиат холӣ нест. Ғайр аз ин, муаллиф дар таҳқиқоти худ масъалаҳоеро ба миён гузоштааст, ки барои фаҳму дарки андешаҳои ахлоқӣ, бахусус барои таҳқиқ ва баррасии минбаъдаи масоили ахлоқии таърихи афкори фалсафӣ, танзими ахлоқи ҷавонон дар ҷомеаи муосир хеле аҳамиятноканд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дар диссертатсияи мазкур пай дар пайии андешаҳо доир ба мавзуи интихобгардида, далеловарӣ, сохтори мантиқии пажӯҳиш, миқёси васеи андешаҳои ахлоқии таҳлилгардида ва ба таври дуруст интихоб шудани методҳои илмӣ ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо аз сатҳу сифати таҳқиқоти анҷомёфта шаҳодат медиҳанд. Дар кори илмии муаллиф методҳои таҳлили диалектикӣ, таърихӣ, таҳлилӣ, системавӣ, муқоисавӣ ва муқобала истифода бурда шудаанд. Эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот низ, пеш аз ҳама, тавассути методҳои истифодабурдаи диссертант асоснок карда мешавад. Дар рисола бо назардошти он, ки афкори илмиву фалсафӣ ва ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ (ба истисноИ Мулло Мустазъафи Қаротегинӣ. Ганҷинаи баён (тарҷума ва шарҳи Унвону-л-баён). - Душанбе, 2018. - 256 с.) мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, диссертант дар баробари таҳқиқи масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи "Унвону-л-баёни"-и Абдуллоҳи Шабровӣ, ҳамзамон доири ҳаёт ва фаъолияти Абдуллоҳи Шабровӣ, сарчашмаҳои асосии ташаккули

чаҳонбинии мутафаккир ва таълифоти дигари ӯ (бо нишон додани теъдоди умумии 11-рисола, С.23-25 дисс) маълумоти мухтасаре овардааст.

Тавсияҳое, ки барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудаанд, хеле боэътимоданд. Зеро ҳамаи онҳо барои тарғибу ташвиқи ахлоқи ҳамидаи ҷомеа, таъмини фарҳанги баланди ахлоқӣ, таҳкими заминаҳои ахлоқӣ, маънавию фарҳангии ҷомеа ва инчунин барои таҳияи тавсияҳо ҷиҳати бехтарсозии сиёсати давлатӣ дар самти тарбияи ҷавонон хеле зарур ва саривақтӣ мебошад. Гузашта аз ин, тавсияҳои амалии муаллиф бо натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқот мухолифат надоранд, бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқат доранд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз сарсаҳифа, мундариҷа, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, номгӯйи адабиёти истифодашуда ва номгӯйи интишороти довталаб иборат буда, дар маҷмуъ 166 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима муҳимияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети диссертатсияи таҳқиқотӣ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот асоснок гардида, навоварии илмии диссертатсия, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якум**, ки таҳти унвони “Вазъияти иҷтимоӣ ва сарчашмаҳои ахлоқии иншои «Унвону-л-баён» номгузорӣ шудааст, таркибан се зербоб мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Зербоби якуми рисола, ки “Ҳаёт ва фаъолияти Абдуллоҳи Шабровӣ” унвон гирифтааст, фарогири маълумот дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Абдуллоҳи Шабровӣ буда, дар он вазъи сиёсӣ-иҷтимоии асрҳои XVII ва XVIII Миср мавриди тасвир ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифта шудааст. Ба андешаи муаллифи диссертатсия “дар хусуси зиндагиномаи ин донишманд маълумоти мукаммал вуҷуд надорад, зеро осори ин мутафаккир аз тарафи муҳаққиқин ба таври комил таҳқиқ нашудааст”. (саҳ.20.дисс) Бо вуҷуди ин муаллифи диссертатсия кушиш ба харҷ додааст, ки дар асоси таҳқиқотҳои мавҷудаи ҳавзаи илмии Миср ва пажуҳишгарони Эронӣ доири зиндагиномаи Абдуллоҳи Шабровӣ дар рисолаи хеш мухтасаран маълумот диҳад.

Зербоби дуюми боби якуми рисола сарчашмаҳои асосии ташаккули ҷаҳонбинии Шабровӣ мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор дода шудааст. Муҳаққиқ дар ин зербоб хулоса менамояд, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Шабровӣ осори Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Абубакр Закариёи Розӣ, Фахриддини Розӣ, Насриддини Тусӣ,

Ҷалолиддини Давонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ чун сарчашмаи андешаҳои фалсафӣ-ахлоқии мутафаккир нақши муассир гузоштаанд.

Дар зербоби охирини боби якум довталаб доир ба таърих, сохтор, мундариҷа ва мазмуну моҳияти рисолаи "Унвону-л-баён"-и Абдуллоҳи Шабровӣ маълумот дода, кушиш ба харҷ додааст рисолаи мазкурро ба сифати дастури таълимии илми ахлоқ муаррифӣ намояд. Чунончи муҳаққиқ қайд менамояд "Рисолаи «Унвону-л-баён» яке сарчашмаҳои муътабар ва боарзиш дар илми ахлоқ маҳсуб меёбад. Абдуллоҳи Шабровӣ маҳз бо ин асари худ дар илми ахлоқ нақши босазое дорад. Дар гузашта ин асар дар тарбияи ахлоқии ҷомеа таъсири назаррас дошт, чунки рисолаи мазкур дар ҳавзаҳои илмии мамолики Шарқ, хусусан дар мамлакатҳои Араб, Ҳинд ва Мовароуннаҳру Хуросон ҳамчун асари тарбиявӣ-ахлоқӣ эътироф гардида буд". (саҳ.44.дисс) Умуман боби якуми диссертатсия заминаи назариявӣ ва методологӣ барои боби асосии диссертатсия ба шумор меравад.

**Дар боби дуюми диссертатсия**, ки муҳтавои асосии мавзуи таҳқиқшавандаро фарогир аст ва таҳти унвони "Андешаҳои ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ дар «Унвону-л-баён»" номгузорӣ шудааст, масоили мубраме аз қабили моҳият ва хусусиятҳои категорияҳои ахлоқ дар «Унвону-л-баён»; масъалаи фазилат ва разолат аз нигоҳи Шабровӣ; мавқеи таълимоти ахлоқии «Унвону-л-баён» дар замони муосир мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Зербоби якуми боби дуюм ба таҳлилу таҳқиқи категорияҳои мусбату манфии ахлоқӣ бахшида шудааст. Аз таҳқиқи масоили мазкур муҳаққиқ ба натиҷа расидааст, ки таҳлилу баррасии категорияҳои ахлоқие, ки Абдуллоҳи Шабровӣ дар рисолааш баён менамояд аз он шаҳодат медиҳад, ки дар маркази таълимоти мутафаккир инсоне қарор дорад, ки аз тамоми разолатҳо пок аст ва дар сиришти он тамоми фазилатҳо ниҳонанд. Ҷавҳари таълимоти ин мутафаккирро маҷмуи арзишҳои инсонгароӣ ташкил медиҳанд.

Зербоби дуюми боби дуюми рисола таҳти унвони "Масъалаи фазилат ва разолат аз нигоҳи Шабровӣ" номгузорӣ шуда, дар он вижагиҳои ин ду категорияи меҳварии ахлоқ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант то ҳадде кушиш намудааст, ки фазилатҳои ахлоқиро, ки дар осори Абдуллоҳи Шабровӣ чун аъмоли хайр ва неки инсон баррасӣ гардидаанд, мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор диҳад. Ҳамзамон назари интиқодии мутафаккирро доири разолат, яъне аъмоли зишти инсонӣ, ки тамоми ин сифатҳо дар ниҳоди шахс аз ҷаҳолату нодонӣ ва дур мондан аз маърифати волои инсонӣ падид меоянд, таҳқиқ намудааст.

Зербоби охирин боби мазкур масоили мушкилоти ахлоқии ҷомеаи муосирро фарогир буда, дар он арзиши афкори ахлоқии мутафаккир баҳри бартараф кардани мушкилоти ахлоқии ҷаҳони муосир, бахусус Тоҷикистон мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Дар ин зербоби диссертатсия таҳдиду хатари радикализми динӣ, экстремизми сиёсӣ ва терроризм ба амнияти идеологӣ ва суботи сиёсии ҷомеа нишон дода шуда, тарбияи ахлоқӣ ва тарғибу ташвиқи афкори фалсафиву ахлоқиро яке аз роҳҳои асосии ҷалби ҷавонон ба суи маърифату дониш ва арзишҳои волои ахлоқиву фарҳангӣ, инсондӯстӣ, муқаддасоти обу хоки Ватан, ҳимоят аз марзу буми аҷдодии хеш нишон дода шудааст.

Хулосаи диссертатсия аз 7 банд иборат буда аз мазмуну муҳтавои диссертатсия сарчашма гирифта, ҷавобгӯ ба талаботи илмӣ пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия**. Аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои диссертатсия аз таҳлилу баррасии масъалаҳои ахлоқӣ дар рисолаи "Унвону-л-баёни"-и Абдуллоҳи Шабровӣ ва пажӯҳиши маҷмуии ноҷуриҳои ахлоқии замони муосир, бахусус дар байни ҷавонон иборат аст. Ин тарзи баррасии масъала на танҳо имкон медиҳад, ки мушкилоти асосии ахлоқии ҷомеаи муосир ошкор карда шаванд, балки механизмҳои самараноки бартараф кардану пешгирӣ намудани мушкилоти ахлоқӣ пешниҳод гарданд. Масалан, диссертант дар рафти таҳқиқи рисолаи "Унвону-л-баён" ба хулоса омадааст, ки Абдуллоҳи Шабровӣ масъалаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоиро ба таври мукаммал мавриди баррасӣ қарор дода дар баробари дигар масъалаҳои ахлоқ "саодати инсон"-ро, ки ҷавҳараш адолати иҷтимоӣ аст, ҳамчун идеали иҷтимоӣ баррасӣ намудааст. Аз ин ҷост, ки омузишу таҳқиқ ва баррасии масоили ахлоқӣ, тарғиби ахлоқи ҳамида дар ҷомеа аҳамияти зиёди иҷтимоӣ дошта, натоиҷи таҳқиқи диссертатсияи мазкур низ аз чунин арзиш холӣ нест.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии довталаб дар 6 мақолаи илмии муаллиф инъикос шудаанд. Мақолаҳои мазкур дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ нашр шудаанд. Хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф дар 2 конференсияи ҷумҳуриявӣ маърӯза гардидаанд. Ҳамзамон 5 мақолаи илмии муаллиф дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шуданд. Аз миқдори умумии мақолаҳои нашршуда ва маърӯзаҳои қироатнамудаи довталаб, ки 13 мақолаи илмӣ аст, 11 мақола ба мавзуи диссертатсия робитаи бевосита доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти диссертатсионии довталаб бо риояи талаботи Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳияи диссертатсия талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия»-ро, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2024, №493 тасдиқ шудааст, пурра ба инобат гирифтааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда мӯҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода мекунад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлои ва грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муҳаққиқ ба масъалаҳои дараҷаи таҳқиқ камтар таваҷҷуҳ намуда, ин масъаларо ҳамагӣ дар ҳаҷми камтар аз ду саҳифа матраҳ намудааст, ки масъалагузорӣ дар ин самт камранг ба назар мерасад. Нишон додани дараҷа ва самтҳои таҳқиқшудаи осори Шабровӣ аз ҷониби муҳаққиқони Миср - Хайриддин Зириклӣ, Муҳаммад Хайрирамазон Юсуф ва Эрон - Сомии Ғурайрӣ, Доктор Абдуллоҳ ибни Ҳамуди Фариҳ, Муҳаммад Алии Мударрисии Табрезӣ барои муайян карданӣ самтҳои таҳқиқнашуда аз манфиат холӣ набуд.

2. Ба сифати сарчашмаи ғоявии ташаккули ҷаҳонбинии Шабровӣ дар диссертатсия (с.35-43) доир ба осори Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Закариёи Розӣ, Фахриддини Розӣ, Насриддини Тӯсӣ, Ҷалолиддини Давонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ маълумоти умумии мухтасар оварда шудааст. Хуб мешуд, ки ҳадду ҳудуди алоқамандӣ, таъсири афкор ва арзиши сарчашмавии осори онҳо нигошта мешуд.

3. Дар тартиби овардани иқтибос ва феҳрести адабиёт на ҳамеша талаботи стандарт ва меъёрҳои амалкунанда ба назар гирифта шудааст. Дар рисола бештари маврид дар ду ва ё се сархат (абзац) пайдарпай иқтибосот бе ягон шарҳу тавзеҳи масъала ва таҳлилу хулоса оварда шудааст, ки чунин тарзи нигоришот ҷанбаи методологии таҳқикро коста менамояд. (аз саҳ.65 то саҳ 91)

4. Дар рисола мустақилияти хулосабарориҳо нисбати масоили таҳқиқшаванда аз ҷониби унвонҷӯ кам ба назар мерасад. Хуб мешуд, ки ҳадди аққал дар ҷамъбасти ҳар як зербоб хулосаи муҳаққиқ ба таври возеҳ оварда мешуд.

5. Руйхати адабиёт бо баъзе камбудиҳо оварда шудааст ва ҳангоми

навистани монография бояд ҳатман ислоҳ шаванд.. Масалан як адабиёт бо номи ду муаллиф нишон дода шудааст: тахти № 126 ва 133. Гарчанде муаллифи монографияи илмии нишондодашуда “Ҷаҳонбинӣ ва ахлоқ аз назари мутафаккирони тоҷик - Душанбе. 2004.-204 с. воқеан Содиқов А.У. мебошанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва бо назардошти онҳо бештар заминаи таҳқиқотҳои ояндаро фароҳам сохтан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи “Унвону-л-баён”-и Абдуллоҳи Шабровӣ», ки аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои фалсафа, и.в.профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Умедов Мастон Ҳамдамович**

**«07» июни соли 2025**

*Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,*
*кӯчаи Н.Махсум, бинои 105/5, хуҷраи 68.*
*Тел.: (+992) 933013100*
*E-mail: komron-j@mail.ru*

**Имзои Умедов М. Ҳ. - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Эмомалӣ Шодихонович**

*Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.*
*Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс:227-15-10*
*E-mail: info@tnu.tj*

*«09» июни соли 2025*